*Аз афсонаҳои халқи тоҷик*



# ИТТИФОҚ

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

*Аз афсонаҳои халқи тоҷик*

# ИТТИФОҚ

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

УДК 820/89/93+891,550
ББК 82,3(2тоҷик)+83,8+84тоҷик 7-4
А-90

А-90. Иттифоқ. Душанбе, Маориф, 2018, 16 саҳ.

ISBN 978-99947-1-550-3
© Маориф, 2018.



## ИТТИФОҚ

Як подшоҳ буд, ҳафт писар дошт. Рӯзе вай касал шуду ҳис кард, ки умраш ба охир расидааст. Ҳафт писарашро пешаш даъват карда, ба дасти ҳар яке яктогӣ химчаи дӯлона доду фармуд, ки онҳоро бишикананд.



Бачаҳо химчаҳоро осон шикастанд. Баъд подшоҳ ҳафт химчаи дӯлонаро якҷо карда, ба навбат ба дасти писаронаш дод, ки бишикананд. Онҳо ҳар қадар зӯр заданд, ҳеҷ кадоме шикаста натавонист.

Подшоҳ гуфт:

— Писаронам, агар шумо мисли ҳамин химчаҳо якҷоя бошед, аз як гиребон



сар баровarda, тифоқ зиндагӣ кунед, яке бар дигаре зид нашавед, манфиати худро аз дигаре боло нагузоред, шуморо ҳеҷ кас коре карда наметавонад, вале агар акси инро кунед, ба он химчаи танҳо монанд мешавед, ки ҳар кас метавонад ба осонӣ шуморо бишканад.

## ДАВЛАТ ЧИСТ?

Буд, набуд, як марди бадавлат буд. Се писар дошт ӯ. Рӯзе нисбати ин хонадон байни ду ҳамсоя гуфтугӯ ба амал омад:

— Ҳамсоя, мо ҳам мисли ҳамин ҳамсоямон заҳмат мекашем, кор мекунем, ҳамеша дар тараддуд, вале сабаб чӣ бошад, ки ӯ бадавлат асту мо не?

— Инро аз худи давлат пурсидан лозим, — гуфт ҳамсоя ба ҳамсоя.

Ҳамсояҳо давлатро пеши худ хонданду ба ӯ гуфтанд:

— Сабаб чист, ки ту ба ин ҳамсояи мо ёр ҳастию ба мо не?

Давлат гуфт:

— Шумо мехоҳед инро донед?

— Ҳа, мехоҳем, — гуфтанд ҳамсояҳо.

— Ин тавр бошад, ман аз хонадони ӯ рафтанӣ мешавам, бинед, чӣ мешавад.





Баъд давлат ба бой гуфт, ки мехоҳад хонадони ӯро тарк бикунад. Бой бо ҳар се писараш алоҳида-алоҳида маслиҳат карданӣ шуда, аввал аз писари калонӣ пурсид:

— Писарам, давлат аз хонадони мо рафтанист, ту ба ин чӣ мегӯйӣ?



— Рафтанӣ бошад, равад, ба мо давлат не, тифоқӣ лозим, — гуфт писари калонӣ.

Пас бой аз писари миёна пурсид. Писари миёна ҳам гапи писари калониро гуфт.





Баъд бой ин суолро ба писари хурдӣ дод:

— Писарам, давлат аз хонадони мо меравам мегӯяд, ту ба ин чӣ мегӯӣ?

— Давлат равад, раваду тифоқӣ наравад. Мо тифоқ зиндагӣ кунем, давлат ҳеҷ ҷо намеравад, — посух дод писари хурдӣ.

Баъди ин падараш ба пеши давлат рафту ҷавоби писаронашро гуфт.

Давлат гуфт:

— Ҷойи ман хонадонест, ки он ҷо тифоқӣ бошад.

Ҳамсояҳо ин гапро шунида гуфтанд:

— Давлат ин тифоқӣ, дӯстӣ, ҳамдилӣ будааст.



## НАФС — ЗАҲР

Се нафар бо ҳам дӯст буданд. Замоне расид, ки маҷбур шуданд, барои ба даст овардани сарват азми сафар кунанд. Рафтанд, рафтанд, гуруснаву ташна ба ҷое расида, дар сояи як дарахт дам гирифтанӣ шуданд. Нохост зери дарахт сӯрохие дида, нигоҳ карданд, ки дар он ҷо як хуме ҳаст.



Онро кашида гирифтанд ва рӯйи домони ҷомаашон холӣ карданд.

Хум пур аз тилло будааст. Маслиҳат карданд, ки алҳол як нафарашон каме тилло гирифта, рафта аз бозор хӯрданӣ харида биёрад. Баъд бо шиками серу хотири ҷамъ тиллоро тақсим хоҳанд кард.

Як нафарашон, ки ҷавонтар буд, ба бозор рафту хӯрданӣ харид ва ин замон фикре ба сараш зада ба худ гуфт:



— Агар заҳр хараму ба хӯрданӣ андозам ва он ду нафар хӯранду бимиранд, ҳамаи тилло ба ман мемонад, тамоми умр мисли подшоҳ зиндагӣ мекунам.

Ин ду нафар, ки интизори хӯрок буданд, байни худ дигар хел маслиҳат карданд. Гуфтанд, ки се тақсим кардан чӣ лозим? Дар ҳоле ки метавонанд онро ду тақсим кунанд! Ҳамроҳашон



баргардад, ӯро нест карда, тиллоро ду тақсим мекунанд.

Вақте ки он ҷавон баргашт, ӯро доштанд, сарашро бурида, ҷасадашро ба як хандақ партофтанд. Ҳамин ки ба сари хӯрок нишастанд ва ҳанӯз ду-се луқма нахӯрда, дар ҷояшон мурданд.

Як хум тиллои сурхи сара дар сояи дарахт бесоҳиб монд.

Китобча ройгон паҳн мегардад



9789994715503

МАОРИФ